Барои ҳифзи Ватан, таҳкими Истиқлолият
ва амнияти миллӣ тайёрем!

# Родмардон

> Таъкид месозам, ки танҳо азму иродаи қавӣ, эътимод ба фардои нек, заҳмати софдилона ба нафъи Ватан ва давлат метавонад моро ба ҳадафҳои олиамон расонад.
>
> **Эмомалӣ Раҳмон**

*№1 (190)*
*25 январи соли 2022*

**Нашрияи тарбияи ҳарбию ватанпарастии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## Ҷамъбасти фаъолият дар соли 2021 ва муайян намудани вазифаҳо барои соли 2022

Нимаи дуюми моҳи декабр дар Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъомадҳои таълимӣ-методӣ баргузор гардид, ки дар он фаъолияти самтҳои асосии хизмати ҳарбӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифт. Муовинони командирон, ки дар қисмҳои ҳарбӣ ба самтҳои алоҳида масъуланд, аз фаъолияти худ дар давоми соли 2021 дар назди сардорони раёсат ва муовинони соҳавии фармондеҳ ҳисобот доданд. Фаъолияти



қисмҳои ҳарбиро таҳлилу ҷамъбаст карда, муовинони соҳавии фармондеҳ дар ҷаласаи ҷамъбастии фаъолияти Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз иҷрои нақшаву чорабиниҳои гуногуни давлатӣ, ҳарбӣ-таълимӣ, оммавӣ, фарҳангӣ, варзишӣ, иҷрои корҳои ободонӣ, хоҷагидорӣ ва дигар корҳои анҷомдодаи самти вобасташуда ҳисобот доданд. Дар ҷаласаи васеи ҷамъбасти фаъолияти Гвардияи миллӣ муовини котиби Шӯрои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзуллозода Шараф Ҷаббор иштирок дошт.

Дар аввал Фармондеҳи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон генерал-лейтенанти гвардия Бобоҷон Ҷамолзода нуктаҳои асосии Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ»- ро мавриди шарҳу тавзеҳ қарор дод. Таъкид шуд, ки аз якуми январи соли 2022 музди меҳнати хизматчиёни ҳарбӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ 25 фоиз ва дигар кормандони ин мақомот 20 фоиз зиёд карда мешавад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки хизматчиёни ҳарбӣ зери таваҷҷуҳ ва ғамхории бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд. Ҷавобан ба ин ғамхориҳо аз сарбози қаторӣ то афсари олирутба бояд баҳри баланд бардоштани омодабошии ҷангӣ, сайқал додани маҳорату малакаи касбӣ ва аз худ намудани аслиҳаву техникаи муосири ҳарбӣ бо тамоми ҳастӣ кӯшиш намоем, баҳри мудофиаи дастовардҳои Истиқлоли давлатӣ ва мустаҳкам намудани иқтидори мудофиавии Тоҷикистони азиз ҷони худро дареғ надорем.

Сипас, Фармондеҳи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи ҳисоботи сардори Сарситод-муовини аввал ва дигар муовинони фармондеҳ фаъолияти Гвардияи миллиро дар соли 2021 таҳлилу баррасӣ намуд. Қайд гардид, ки дар давраи ҳисоботӣ, дар асоси Нақшаи ягонаи чорабиниҳои асосии Гвардияи миллӣ, бо мақсади татбиқи дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, иҷрои стратегияҳои миллӣ ва протоколҳои маҷлиси назди Фармондеҳи Гвардияи миллӣ, баланд бардоштани омодабошии ҷангӣ, маҳорату малакаи касбии хизматчиёни ҳарбӣ, мустаҳкам намудани интизоми ҳарбӣ, ҳисси худшиносӣ, ватандӯстии ҳайати шахсӣ, беҳтар намудани таъминоти техникӣ, молиявӣ, ақибгоҳ, пуррагардонии сафҳои Гвардияи миллӣ корҳои зиёд ба сомон расонида шудааст. Аз ҷумла, ба муносибати сазовор таҷлил намудани ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон нақшаи чорабиниҳо амалӣ шуда, корҳои ободонӣ ва бунёдкорӣ вусъат гирифт. Ҳайати шахсии Гвардияи миллӣ дар чорабиниҳои ташкилӣ, таъмини амнияту бехатарӣ, ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ саҳми арзанда гузошта, вазифаҳои базиммадоштаашонро сарбаландона иҷро карданд. Фармондеҳи Гвардияи миллӣ ба ҳайати шахсӣ барои бомуваффаққият иҷро намудани вазифаҳои хизматӣ изҳори сипос намуда, барои боз ҳам беҳтар намудани фаъолият дар соли хониши 2022 дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

Ҳамчунин, дар рафти ҷаласа муовини котиби Шӯрои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзуллозода Шараф Ҷаббор баромад намуда, оид ба мураккаб будани вазъи ҳарбӣ-сиёсӣ дар минтақа, аз ҷумла кишварҳои бо мо ҳамсарҳад ибрози андеша карда, тибқи дастуру супоришҳои Пешвои миллат ҳайати шахсии Гвардияи миллиро барои моҳирона аз худ намудани мавзуъҳои самти тайёрии ҷангӣ ва дар сатҳи зарурӣ нигоҳ доштани омодабошии ҷангӣ ҳидоят кард.

Дар охири ҷаласаи ҷамъбасти фаъолият барои ноил

давомаш дар саҳ 2





## Оғози соли нави таҳсил дар Гвардияи миллӣ

Санаи 3 - юми январи соли равон дар асоси Нақшаи ягонаи чорабиниҳои асосии Гвардияи миллӣ бахшида ба саршавии рӯзи якуми давраи зимистонаи соли хониши 2022 дар майдони сафороии қисми ҳарбии 051054 ҷамъомади тантанавӣ баргузор гардид. Ҳайати шахсии раёсату шуъбаҳои фармондеҳии Гвардияи миллӣ , афсарону сарбозони қисмҳои ҳарбии 051053 ва 051054 дар майдони сафоройӣ бо руҳияи баланд саф ороста буданд. Баробари ба майдон ворид шудани Фармондеҳи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон муовини сардори Сарситод оид ба хизмати қӯшунҳо ва бехатарии хизмати ҳарбӣ аз омодабошии ҳайати шахсӣ гузориш дод.

Фармондеҳи Гвардияи миллӣ генерал - лейтенанти гвардия Ҷамолзода Бобоҷон ҳайати шахсиро бо саршавии соли хониши зимистона табрик намуда, таъкид карданд, ки мо хизматҷиёни ҳарбӣ бояд як лаҳза ҳушёрию зиракиро аз даст надиҳем ва ба иҷрои вазифаҳои хизматӣ софдилона саъю кӯшиш намоем. Баъди табрикоти Фармондеҳи Гвардияи миллӣ аз ҷониби ҳайати шахсӣ суруди ифтихории “Горди миллӣ ” хонда шуд. Сипас, иштирокчиёни ҷамъомади тантанавӣ бо қадамҳои устувори низомӣ аз назди минбар гузаштанд.

Қисмати тантанавии ҷамъомад ба анҷом расид. Дар асоси нақшаи машғулиятҳо доир ба расониданни чораҳои бехатарӣ 9 нуқтаи таълимӣ омода шуда буд. Роҳбарони машғулият бо ҳайати афсарону сарбозон чораҳои бехатариро ҳангоми саворшудан ба мошинҳо, ҳангоми ҳаракат, фаромадан дар майдони ҷанг, ҳамзамон чораҳои бехатариро ҳангоми истифодаи минаҳои тарканда, муомила бо моддаҳои заҳролуд, силоҳу муҳиммоти ҷангӣ, вазифаҳои қаровул ва саривақт ивазнамудани қаровулро дар амалия нишон додаанд. Мақсади гузаронидани ин чорабиниҳо риояи қоидаҳои бехатарӣ ва баланд бардоштании маҳорату малакаи касбии хизматчиёни ҳарбӣ буда, мувофиқи нақша пеш аз саршавии соли хониш ба таври васеъ гузаронида мешавад.

*Лейтенанти хурди гвардия*
НАСРИДДИНЗОДА *Илоҳиҷон*



*Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи «Солҳои рушди саноат» эълон намудани солҳои 2022-2026*

*Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо мақсади таъмини амалишавии раванди саноатикунонии босуръати кишвар, фармон медиҳам:*

*1. Солҳои 2022-2026 «Солҳои рушди саноат» эълон карда шаванд.*

*2. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои фармони мазкур дар муҳлати шаш моҳ нақшаи чорабиниҳоро таҳия ва барои тасдиқ пешниҳод намояд.*

*Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон*
*ш. Душанбе 6 январи соли 2022 №309*

*Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҷашн гирифтани 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон*

*Бо мақсади таҳкими Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳифзу густариши арзишҳои миллӣ ва таъмини рушди босуботи ҷомеа, фармон медиҳам:*

*1. Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 9 сентябри соли 2026 баргузор карда шавад.*

*2. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Кумитаи тадорукотро таъсис дода, нақшаи чорабиниҳои ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар муҳлати шаш моҳ таҳия ва барои тасдиқ пешниҳод намояд.*

*Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон*
*ш. Душанбе 7 январи соли 2022 №311*



давоми саҳ 1 гардидаан ба комёбиҳо дар тайёрии ҷангӣ, сиёсӣ-тарбиявӣ, хизмати кӯшунҳо ва бехатарии хизмати ҳарбӣ дар соли хониши 2021 мавқеи қисмҳои ҳарбии Гвардияи миллӣ чунин муайян шуда, шахсони масъул бо тӯҳфаҳо сарфароз гардиданд:

**-дар байни қисмҳои ҳарбии Гвардияи миллӣ** қисми ҳарбии 051052 (командири қ/ҳ подполковники гвардия Раҳимов О.) сазовори ҷойи якум дониста шуда, бо Байрақи сайёр ва тӯҳфа (телевизор) сарфароз гардонида шуд.

**-дар байни баталёнҳо** қисми ҳарбии 051059 (командири қ/ҳ полковники гвардия Раҳимзода А.) барои натиҷаҳои беҳтарин сазовори ҷойи якум дониста шуда, бо Байрақчаи сайёр ва тӯҳфа (маркази мусиқӣ) сарфароз гардонида шуд.

**-дар байни шуъбаҷаҳои таъиноти махсус** - шуъбачаи қисми ҳарбии 051056 (сардори шуъбача подполковники гвардия Шарифзода И.) сазовори ҷойи якум дониста шуда, бо тӯҳфа (телевизор) сарфароз гардонида шуд.

**-дар байни гурӯҳҳо-**гурӯҳи қисми ҳарбии 051062 (сардори гурӯҳ капитани гвардия Саидҷомиев Н.) сазовори ҷойи якум дониста шуда, бо тӯҳфа (маҷмӯи ашёҳои варзишӣ) сарфароз гардонида шуд.

**- дар байни ротаҳо** - ротаи ҳифз ва таъминоти Маркази миллии таълимӣ оид ба терроризм ва маводи мухаддир (командирии рота лейтенанти калони гвардия Равшанзода Р.) сазовори ҷойи якум дониста шуда, бо тӯҳфа (компютер) сарфароз гардонида шуд.

**-дар байни взводҳо** - взводи қисми ҳарбии 051055 (командири взвод лейтенанти калони гвардия Ниёззода М.) сазовори ҷойи намоён дониста шуда, бо тӯҳфа (компютер) сарфароз гардонида шуд.

**-дар байни отделенияҳо** дастаи алоҳидаи қисми ҳарбии 051064 (сержанти хурди гвардия Муборакшоев Н.) сазовори ҷойи намоён дониста шуда, бо тӯҳфа (соати деворӣ) сарфароз гардонида шуд.

Ҳамчунин, ғолибони озмуну сабқатҳои дигар, ки қаблан дар самтҳои гуногуни хизмат гузаронида шуда буданд, бо «Ифтихорнома» ва дигар тӯҳфаҳо қадрдонӣ шуданд.

**Қаровулхонаи беҳтарин**:

- қисми ҳарбии 051059 - ҷойи якум;
- қисми ҳарбии 051058 - ҷойи дуюм;
- қисми ҳарбии 051062 - ҷойи сеюм.

**Шаҳрчаи қаровулии беҳтарин:**

- қисми ҳарбии 051059 - ҷойи якум;
- қисми ҳарбии 051056 - ҷойи дуюм;
- қисми ҳарбии 051058 - ҷойи сеюм.

**Нуктаи назорати гузаргоҳии беҳтарин:**

- қисми ҳарбии 051058 - ҷойи якум ;
- қисми ҳарбии 051062 - ҷойи дуюм;
- қисми ҳарбии 051059 - ҷойи сеюм.

**Мусобиқаи зеҳнӣ - ҳарбӣ дар байни командирони ротаҳо:**

- лейтенанти калони гвардия Одиназода Эмомалӣ Қурбоналӣ, командири ротаи қисми ҳарбии 051059 - ҷойи якум;
- лейтенанти калони гвардия Нарзуллозода Кароматулло Маҳмадулло, командири ротаи қисми ҳарбии 051062 - ҷойи дуюм;
- майори гвардия Нозимзода Баҳром Ҳайдар, командири ротаи қисми ҳарбии 051057 ҷойи сеюм.

**Дар байни командирони взводҳо:**

- лейтенанти гвардия Сафарзода Фирдавс Нурмаҳмад, командири взводи қисми ҳарбии 051056 - ҷойи якум;
- капитани гвардия Рӯзизода Фирӯз Абдухолиқ, сардори гурӯҳи қисми ҳарбии 051057 - ҷойи дуюм;
- лейтенанти калони гвардия Ғайратзода Бахтовар Ғайрат, командири гурӯҳи қисми ҳарбии 051052 - ҷойи сеюм;

**Дар байни сержантон:**

- сержанти хурди гвардия Дилшоди Хайрулло, командири туп, қисми ҳарбии 051059 - ҷойи якум;
- сержанти гвардия Саидов Азиз Раҳмоналиевич, командири отделения, қисми ҳарбии 051052 - ҷойи дуюм;
- сержанти гвардия Абдуҷаборзода Абдулҳақ Файзулло, командири отделения, қисми ҳарбӣ 051054 - ҷойи сеюм.

Полковники гвардия
КОМИЛЗОДА Хайринисо



# ПАЁМ
# ҳуҷҷати раҳнамунсози хизмат

14 январи соли 2022 дар толори қисми ҳарбии 051052-и Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон вохурии аҳли илму адаб ва ходимони давлатӣ бо ҳайати шахсии афсарону сарбозони Гвардияи миллӣ вобаста ба таҳлилу баррасии нуктаҳои муҳими Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» доир карда шуд. Дар аввал муовини Фармондеҳи Гвардияи миллӣ оид ба корҳои сиёсӣ-тарбиявӣ мақсади вохӯрӣ ва иштироки ҳайати шахсиро баён дошта, Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои хизматчиёни ҳарбии Гвардияи миллӣ ҳамчун ҳуҷҷати асосӣ ва раҳнамунсози фаъолияти хизматӣ маънидод намуд.



Дар вохӯрӣ намояндаи Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сухан баромада, нуктаҳои муҳими Паёмро вобаста ба масъалаҳои ҳарбӣ-сиёсӣ, вазъи ноустувори минтақа ва ҳамсоякишварҳо, сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар Паём ироа гардид, шарҳу тавзеҳ намуд. Қайд гардид, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои хориҷ сиёсати «Дарҳои боз»-ро пеш гирифта, пойдории сулҳу субот ва амнияти давлатҳои минтақа ва ҷаҳонро ҳамеша ҷонибдорӣ менамояд. Аз тарафи дигар намояндагон вобаста ба масъалаи баланд бардоштани сатҳи таълиму тарбияи насли ҷавон ва ғамхории роҳбарияти олии кишвар нисбат ба хизматчиёни ҳарбӣ, ибрози андеша карданд.



Қобили зикр аст, ки хизматчиёни ҳарбӣ ҷузъи ҷудонашавандаи ҷомеаи шаҳрвандӣ буда, дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки дар Паёми навбатӣ таъкид шудааст, дар фаъолияти хизматӣ ва зиндагӣ татбиқ менамоянд.

Капитани гвардия
НЕЪМАТУЛЛОИ Холиқ

Татбиқи сиёсати иҷтимоӣ дар Паём

# “Табиби ҳар шахс худи ӯст”

*Рушди соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи солимии аҳолӣ яке аз бахшҳои муҳимтарин ва ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон буда, он зери таваҷҷуҳи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад.*

*Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатӣ қайд карданд, ки тайи 30 соли Истиқлоли давлатӣ ҷиҳати беҳтар намудани солимии сокинони кишвар ва ба роҳ мондани фаъолияти самарабахши ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ усулҳои муосири ташхису табобат роҳандозӣ гардида, нерӯи зеҳнии соҳа ва инфрасохтори муассисаҳои тиббӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ таҳким ва тавсеа пайдо кард. Соли 1990 дар Тоҷикистон 2860 муассисаи тиббӣ бо 52800 нафар корманд фаъолият дошт. Ҳоло дар кишвар 4700 муассисаи тиббӣ бо 78 800 корманд фаъолият дорад, омадааст дар Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҳамчунин, ду масъалаи муҳимтарини соҳаи тандурустӣ – тайёр кардани кадрҳои баландихтисос, аз ҷумла мутахассисони бемориҳои сироятӣ, вирусшиносон ва рушди саноати дорусозиро Пешвои миллат дар madди аввал гузоштанд. Таъкид доштанд, ки гарчанде бемории ковид дар кишвари мо нест, сокинони мамлакат бояд бепарво набошанд, ба фориғболӣ роҳ надиҳанд.*

*Вобаста ба ин таъкидҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Гвардияи миллӣ тадбирҳои зарурӣ андешида шудааст. Аз ҷумла, хизматчиёни ҳарбӣ-табибони Шифохонаи ҳарбии Гвардияи миллӣ ва духтурони нуқтаҳои тиббӣ дар қисмҳои ҳарбӣ оиди пешгирии бемориҳои сироятӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида, дар асоси дастурамал оид ба пешгирӣ, ташхис, табобат ва барқарорсозии беморон аз сирояти нави коронавирус фаъолияти самарабахшро роҳандозӣ намудаанд. Айни замон 80 фоизи хизматчиёни ҳарбӣ барои пешгирии сироятшавӣ аз вирус эмгузаронӣ шудаанд. Дар қисмҳои ҳарбӣ бо мақсади пешгирӣ аз паҳншавии ҳар гуна вирусҳо корҳои профилактикӣ, санитарӣ (дизенфексионӣ) гузаронида мешавад. Дар асоси “Дастурамали муваққатӣ оид ба пешгирӣ, ташхис ва табобати COVID-19 дар марҳилаҳои гуногуни беморӣ дар сатҳи амбулаторӣ ва беморхонаҳо”дар шифохона ва нуқтаҳои тиббӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида шуд.*

*Қобили зикр аст, ки дар соли 2021 барои табобат ва беҳдошти тандӯрустии хизматчиёни ҳарбии Гвардияи миллӣ беш аз 1000000 сомонӣ маводҳои доруворӣ харидорӣ шудааст. Дар ин муддат дар Шифохонаи ҳарбӣ 1004 нафар сарбоз, 180 нафар афсарон, 54 нафар прапоршик, 7 нафар кормандони ғайринизомӣ, 4 нафар нафақахӯрон ва 14 аъзои оилаи хизматчиёни ҳарбӣ табобат гирифтаанд.*

*Имрӯз роҳбарияти Гвардияи миллӣ бо мақсади таъмин намудани тарзи ҳаёти солим, ҳифзи саломатии ҳайати шахсии Гвардияи миллӣ ва беҳтар гардонидани сифати хизматрасониҳои тиббию иҷтимоӣ якҷо бо Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои мушаххас меандешанд. Айни замон бар асари паст гардидани ҳарорати ҳаво, дигаршавии иқлим паҳншавии бемориҳои роҳи нафас, аз ҷумла зуком афзоиш ёфтааст. Рӯзҳои охир дар кишвар ҳолати сироятёбӣ ба бемории COVID-19 ба қайд гирифта шудааст ва афзоиши бемории зуком низ ба назар мерасад. Мо бояд хело ҳушёр бошем, зеро дар кишварҳои Аврупо ва минтақа мавҷҳои нави бемории коронавирус, бахусус навъи “Омикрон”хуруҷ кардааст. Сироятшиносон омили асосии онро дар риоя нашудани қоидаҳои беҳдоштӣ, бидуни ниқоб ба кӯча баромадан, риоя накардани масофа дар мавзеъҳои ҷамъиятӣ ва аз ҳама асосӣ-нагузаштан аз имунизатсия бар зидди ин беморӣ медонанд.*



*Чуноне ки дар урфият мегӯянд, “Табиби ҳар шахс худи ӯст”. Аз ин рӯ, ба ҳар як нафар хизматчиёни ҳарбӣ тавсия менамоем, ки бештар ба варзиш машғул шаванд, хӯроки серғизо, сирпиёз, пиёзи сафед, лимон ва дигар маҳсулоти табииро бештар истеъмол намуда, оби хунук нанӯшанд. Либоси гарм пӯшанд, ҳавои ҳуҷраҳои корӣ, хонаҳои истиқоматӣ ва хобгоҳи сарбозонро зуд-зуд тоза намоянд. Дар ҷойи серодам ҳатман аз ниқоб истифода баранд, қоидаҳои беҳдоштиро риоя намоянд. Аз аҳли оила ҳам ин қоидаҳоро талаб намуда, худ ва наздиконро аз беморӣ эмин нигоҳ доранд.*

*Полковники хизмати тиббӣ*
*Ҳисайн УБАЙДЗОДА,*
*сардори шуъбаи тиббӣ-ҳарбӣ*

*Ғолибият табрик!*

## *Сарбозон дар озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ…»*

Иқдомҳои созандаву бунёдкоронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон омили пешрафти ҷомеа мегарданд. Озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» соли 2021 бо ташаббуси



Пешвои миллат бо мақсади баланд бардоштани завқи китобхонӣ, тақвияти неруи зеҳнӣ, дарёфти чеҳраҳои нави суханвару сухандон, арҷ гузоштан ба арзишҳои миллию фарҳангӣ, инкишофи қобилияти эҷодӣ, таҳкими эҳсоси худогоҳию худшиносӣ, такмили захираи луғавӣ, тақвияти ҷаҳони маънавӣ миёни аҳолии кишвар, аз ҷумла тарбиягирандагон ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумӣ, донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, ва намояндагони касбу кори гуногун гузаронида шуд.

Боиси ифтихор аст, ки соли сипаригардида ду нафар хизматчиёни ҳарбии Гвардияи миллӣ сарбозони қатории гвардия Ансоралӣ Эшбеков ва Ваҳдатшо Мариншоев дар ин озмун фаъолона иштирок намуданд.

Ансоралӣ Эшбеков аз деҳаи Роғи шаҳри Панҷакенти вилояти Суғд мебошад. Ӯ Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуровро бо ихтисоси омӯзгори забон ва адабиёни тоҷик хатм намудааст. Ансоралӣ Эшбеков соли 2021 дар озмуни ҷумҳуриявии «Фуруғи субҳи доноӣ китоб аст» дар номинатсияи хондан ва аз ёд кардани эҷодиёти шифоҳии халқ ва осори бачагона иштирок намуда, дар даври донишгоҳӣ, шаҳрӣ ва вилоятӣ сазовори ҷойи аввал гардид. Ансоралӣ дар мавсими даъвати тирамоҳи соли 2021 барои адои қарзи фарзандӣ ихтиёрӣ ба сафи Гвардияи миллӣ шомил гардид.

Ваҳдатшо Мариншоев низ дар даъвати тирамоҳии соли 2021 ба хизмати ҳарбӣ пайваст. Ваҳдатшо Мариншоев зодаи ҷамоати деҳоти Рӯдакии шаҳри Панҷакент буда, соли 2021 Донишкадаи кӯҳӣ-металлургии Тоҷикистонро дар шаҳри Бӯстони вилояти Суғд бо муваффақкият хатм кардааст. Ӯ дар озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» аз рӯи номинатсияи хондан ва азёд кардани осори адибони классик ширкат варзид ва чун Ансоралӣ дар даври донишгоҳӣ ва шаҳрию вилоятӣ мавқеи аввалро соҳиб гардид.

–Дар Маркази тайёрии кадрҳои Гвардияи миллӣ ҳамчун наваскар аз ҳама манотиқи кишвар ҷамъ омадем. Барномаи ибтидоии хизматро якҷо сарбаландона аз худ кардем. Дар ин давом бо Ансоралӣ Эшбеков шинос гашта, баъдан фахмидам, ки ӯ низ иштирокчии озмун ва аз шаҳри Панҷакент аст,- гуфт Ваҳдатшо Мариншоев.

Даври ҷумҳуриявии озмун, ки 15 декабри соли 2021 баргузор шуд, сарбозони қатории гвардия Ваҳдатшо Мариншоев ва Ансоралӣ Эшбеков бо либоси низомӣ иштирок намуда, ба саволҳои ҳакамон пусух гардониданд. Дар ниҳоят сарбози қатории гвардия Ансоралӣ Эшбеков ғолиби ҷойи дуюм ва сарбози қатории гвардия Ваҳдатшо Мариншоев ғолиби ҷойи сеюм гардид. Ғолибон бо ҷому ифтихорнома ва маблағҳои муайяншуда сарфароз гардонида шуданд.

–Барои мо сарбозон мояи ифтихор аст, ки дар ҳама қисмҳои ҳарбӣ шароити бисёр ҳам мусоид ҷиҳати бомуваффақкият пеш бурдани хизмати ҳарбӣ махсусан баҳри китобхонӣ фароҳам гардидааст. Ман сипоси зиёд ба Фармондеҳи Гвардияи миллӣ ва масъулини самти корҳои сиёсӣ-тарбиявӣ мегӯям, ки барои иштирок дар даври ҷумҳуриявии озмун ва ғанӣ гардонидани дониши мо ҳамаҷониба мусоидат намуданд, иброз намуд сарбози қатории гвардия Ансоралӣ Эшбеков.



Аз номи роҳбарият ва ҳайати шахсии Гвардияи миллӣ ин ду сарбози муваффақро бо пирӯзӣ муборакбод гуфта, барояшон боз ҳам фатҳи қуллаҳои баландтарро таманно дорем. Умедворем, ки хизматчиёни ҳарбии Гвардияи миллӣ дар соли таҳсили 2022 низ дар озмунҳои гуногуни ҷумҳуриявӣ иштирок намуда, сатҳи донишу ҷаҳонбинии худро сайқал дода, номи Гвардияи миллиро баланд мебардоранд.

Мусоҳиб капитани гвардия
НЕЪМАТУЛЛОИ Холиқ

## Шуҷоат ва ҷавонмардӣ

Санаи 5 январи соли ҷорӣ бо ташаббуси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе маросими супоридани ҷоиза барои “Шуҷоат ва ҷавонмардӣ” баргузор гардид.

Дар ин маросим муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Матлубахон Сатториён, раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдулло Раҳмонзода ва роҳбарону намояндагони вазорату идораҳо иштирок намуданд. Дар қатори дигар иштирокчиён хизматчиёни ҳарбии Гвардияи миллӣ барои хизматҳои шоиста ва ҷавонмардӣ, ҷасорату фидокорӣ ва иштироки фаъолона дар амалиётҳои ҳарбӣ сазовори ҷоиза гардиданд. Аз ҷумла, майори гвардия Каримзода Хуршед ва лейтенанти калони гвардия Аюбзода Наимҷон аз қисми ҳарбии 051056 бо шаҳодатнома барои шуҷоат ва ҷавонмардӣ ва телевизор қадрдонӣ карда шудаанд.



***Лейтенанти хурди гвардия***
***НАСРИДДИНЗОДА Илоҳиҷон***

# РИШВА АЗ НАЗАРИ ИСЛОМ

Худованд дар каломи худ фармудааст: Ба некӣ ва худотарсӣ якдигарро кумак кунед ва ба бадию зулм бо ҳамдигар ҳамёрӣ макунед. Ин оят асос ва бунёди таъовуну ҳамбастагӣ, некию худотарсӣ аст.

Паёмбари Худо (с) фармудаанд : ба бародарат кумак кун, чӣ золим бошад ва чӣ мазлум. Саҳобаи киром бо таҳайюр пурсиданд, ки ё расулаллоҳ! Мо кумаки бародари мазлумро фаҳмидем, аммо ғараз аз золим чист? Он ҳазрат (с) фармуданд: Ӯро аз зулм боздоштан.

Худованд дар каломи худ фармудааст:махуред амволи якдигарро ба тариқи ноҷоиз. Дар инҷо чанд масала қобили таваҷҷӯҳ аст. Аз ҷумла, ин ки дар алфози Қурони Карим омадааст, ки “молҳои шумо” ва дар ин ишора ба ин шуда, ки ҳар навъ тасарруфи ноҷоизеро, ки шумо дар амволи дигаре анҷом медиҳед, лозим аст ин тасаввурро ҳам дошта бошед, ки ба ҳамон андоза, ки шумо ба амволи худ муҳаббат доред, он шахс ҳам ба ҳамон мизон ба амволи худаш алоқа ва иртибот дорад ва биандешед, агар шахси дигаре ҳам монанди амали шумо дар амволатон тасарруф мекард, чӣ қадар мутаҳаммили зиён мешудед! Акнун ҳам тасаввур кунед, ки гӯё он амвол аз они шумо аст.

Илова бар ин, мумкин аст ба ин ҳақиқат ҳам ишора дошта бошад, ки ҳаргоҳ касе дар амволи дигаре тасарруфи номашрӯъ бикунад, натиҷаи табиии он ин аст, ки агар ин расм ривоҷ пайдо кунад, пас дигарон низ дар ҷойи дигар ба ҳамин шева дар амволи ӯ тасарруф мекунанд ва ба ин тартиб дар ҳақиқат роҳе барои тасарруфи ноҷоиз дар амволи хеш ҳамвор мекунанд. Диққат кунед, агар тақаллуб дар ашёи зарурӣ марсум гардад, масалан касе дар равған равғани дигаре махлут кунад, то пули бештаре ба даст биёварад, ҳар гоҳ худи ӯ ниёз ба шир дошта бошад, соҳиби шир низ дар он об изофа намуда, ба ӯ медиҳад ва агар ба масолеҳи дигар ниёз дошта бошад дар он ҳам тақаллуб мешавад ва агар ба дору эҳтиёҷ дошта бошад ҳамин масъала пеш меояд. Пас ҳар миқдор пуле, ки шахс аз роҳи тақаллуб ба даст биёварад, шахси дигаре ҳамон маблағро бо найранги дигаре аз ҷайби ӯ дар меоварад. Ҳамчунин, пули он шахси дувумро нафари савумӣ мегирад ва ин нодон ба ин гумон, ки сармояи худро боло мебарад, хушҳол аст, аммо ба оқибаташ намеандешад, ки бо амали мутақобил, ки бо худи ӯ сурат мегирад, чӣ миқдор аз сармояаш боқӣ мемонад.

Пас ҳар кас, ки бар моли дигаре ба тариқи ноҷоиз қобиз мешавад, ӯ роҳе барои тасарруфи ноҷоиз дар амволи хеш боз мекунад.

Ҳар моле, ки ба василаи дуздӣ, хиёнат, фиреб, ришват, зулм, хариду фурӯши ноҷоиз ва монанди он ҳосил шавад, қатъан ҳаром ва ноҷоиз аст.

Дар ҳадисе Паёмбари Худо (с) се нафарро лаънат, яъне дуъои бад карданд :

1. Ришвадиҳандаро
2. Ришвагирандаро
3. Байни ин ду миёнаравро

Дар ҳадис омадааст: Дуои касе, ки моли ҳаром бихӯрад, пазируфта намешавад, бисёре аз мардум, ки дар ибодот ва ғайра машаққати зиёде таҳаммул мекунанд ва ба боргоҳи илоҳӣ даст ба дуо бар медоранд ва ё раб, ё раб мегӯянд; дар ҳоле, ки ғизои онон ҳаром, нушидани онон ҳаром ва либоси онон ҳаром мебошад, дуои онҳо ҳаргиз мустаҷоб намешавад.

Дар ҳадиси дигар омадааст, ки он Ҳазрат (с) ба ҳазрати Абдуллоҳ писари Умар (р) фармуд: чаҳор хислат аст, ки ҳар гоҳ дар вуҷуди ту ҷамъ гарданд, ки агар ҳеҷ чизе дигар аз дунё назди ту набошад, танҳо ҳамонҳо барои ту кофӣ хоҳанд шуд ва онҳо иборатанд аз: 1.Ҳифзи амонат 2.Ростгӯӣ. 3.Хулқи ҳасан. 4.Кӯшиш барои касби ҳалол .

ЗИКРУЛЛО Ҳомидов



# Ҳақ ниҳон нест, вале хиранигоҳон кӯранд

Мардуми шарафманди кишвар моҳи сентябри соли сипаришуда 30 солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо ифтихору сарфарозӣ бо шаҳомати хоса таҷлил намуданд. Таҷлили ин ҷашн дар тамоми гӯшаву канори мамлакат ҳатто дар хонадони ҳар як фарди бедордилу ватандӯст эҳсос мешуд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки хурду бузурги кишвар зери парчами сулҳу ваҳдат ва истиқлоли давлат зиндагии озоду осуда доранд. Бахри ободии Ватан, рушду нумуи Тоҷикстони азиз аҳлона заҳмат мекашанд. Имрӯз моҳияти озодиву соҳибистиқлолиро натанҳо калонсолон, балки насли ҷавон ҳатто наврасон низ ба хуби дарк мекунанд. Зеро аз таърихи таъсисёбии истиқлолияту озодӣ ва чӣ гуна бадастовардани оромии давлат аз наворҳои телевизионӣ огаҳанд. Албатта, ин ҳама дастоварду арзишҳои муқаддас ба осонӣ не, ба заҳмат, ба ҷонисорӣ, ба бедорхобии фарзандони фарзонаи миллат ва мардуми шарафманди Ватан ба даст омадааст.

Дар зарфи 30 соли давлатдории мустақил, ки фосилаи чандон тӯлонии давлатдорӣ нест, вале дар ин давом тамоми шахру навоҳии кишвар ва пойтахти Тоҷикистони азизамон -шаҳри Душанбе ба пешравиҳои назаррас ноил гаштааст. Дар ҳама шахру навоҳии кишвар мардум бо руҳияи баланди ватандорӣ ва ифтихор аз доштани чунин Ватани маҳбуб умр ба сар мебаранд.

Мавриди зикр аст, ки нотавонбинони ин давлати тозаистиқлол, ин миллати озодандешу бофарҳанг, ки мутаасифона вуҷуд доранд, мехоҳанд амнияту суботи чунин Ватани зеборо халалдор созанд. Онҳо пайваста бо ниятҳои муғризона аксарият аз хориҷ ба Тоҷикистон санг мепартоянд. Мехоҳанд байни мардум игво ангезанд, чунки ободии Тоҷикистонро дидан намехоҳанд. Ҳақ ниҳон нест, вале хиранигоҳон кӯранд. Ин хиранигоҳон ҳадафи созанда бахри пешрафти ҷамъиятро надоранд. Балки ҳадафашон сӯзандаву орӣ аз некист. Дар ҳар як ҳаводиси нохуш, ки дар ин ё он гӯшаи кишвар ба вуқӯъ меояд, аксарият кори дасти онхост ва ё бахри нооромгаштани вазъ миёни мардум махсусан бо ҷавонон игво меандозанд.

Ҳодисае, ки моҳи ноябри соли 2021 дар ноҳияи Рошткалъаи вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба вуқӯъ пайват, пайомади нохуш буд. Байни эътирозгарон игво ангехта шуд, ки дар натиҷа ба мардум ва ба ободиву пешрафти ин гӯшаи сайёҳии Ватан зарари ҷониву маънавӣ, хисороти зиёд расонида шуд. Боиси афсӯс аст, ки дар баъзе ҳолатҳо нафароне ёфт мешаванд, ки амали эътирозгаронро нодуруст баҳогузорӣ мекунанд. Бояд насли бузург, ҳар як фарди некбини ҷомеа ҷавононро дар масири ватандӯстӣ, иттиҳоду сарҷамъӣ, якдилӣ, дифои Модар-Ватан, риояи қонун ва тартиботи ҳуқуқӣ талқин намоянд.

Фаромӯш набояд кард, ки амали нописанд, шарафро аз миён мебарад.

НЕЪМАТУЛЛОИ Холиқ,
рӯзноманигор

# Бузурггуфтаҳо дар васфи хушбахтӣ

Барои ҳар як дақиқае, ки ба хашм меоед, шумо шаст сонияи хушбахтиро аз даст медиҳед.

*Ралф Валдо Эмерсон.*

Муваффақият калиди хушбахтӣ нест, хушбахтӣ калиди муваффақият аст. Агар шумо кори кардаатонро дӯст доред, муваффақ хоҳед шуд.

*Алберт Швейтцер.*

Кӯдак метавонад ба калонсолон се чизро омӯзад: бесабаб хушбахт будан, ҳамеша бо чизе банд будан ва донистани он ки бо тамоми иродаи худ он чизеро, ки мехоҳад талаб кунад.

*Пауло Коэло.*

Диққати худро ба сафар равона кунед, на ҷои таъиншударо. Хурсандӣ на дар анҷоми фаъолият, балки дар иҷрои он пайдо мешавад.

*Грег Андерсон.*

Хушбахтӣ чизе нест. Ин аз амалҳои худи шумо сарчашма мегирад.

*Далай Лама.*

Ҳама мехоҳанд дар қуллаи кӯҳ зиндагӣ кунанд, аммо ҳама хушбахтӣ ва рушд ҳангоми ба болои он баромадан ба амал меоянд.

*Энди Руни.*

Мо занҷирҳоеро мебофем, ки дар зиндагӣ истифода мекунем.

*Чарлз Диккенс.*

Одамони хушбахт амалҳоро ба нақша мегиранд, онҳо натиҷаҳоро ба нақша намегиранд.

*Денис Уайтли.*

Вақте ки як дари хушбахтӣ пӯшида мешавад, дари дигаре мекушояд, аммо аксар вақт мо ба дари баста чунон менигарем, ки дари барои мо кушодашударо намебинем.

*Ҳелен Келлер.*

Барои хушбахтӣ танҳо як роҳ ҳаст, яъне бас кардани ташвиш дар бораи чизҳое, ки аз иродаи мо берунанд.

*Эпиктетус.*

Амал шояд на ҳамеша хушбахтӣ меорад; Аммо бе амал хушбахтӣ вуҷуд надорад.

*Бенҷамин Дизрели.*

Бахтро соҳиб шудан, ба даст овардан ё истеъмол кардан мумкин нест. Хушбахтӣ ин таҷрибаи рӯҳонии ҳар дақиқа бо муҳаббат, шодмонӣ ва миннатдорӣ зистан аст.

*Денис Вайтли.*

Ҳатто агар хушбахтӣ каме туро фаромӯш кунад ҳам, ҳеҷ гоҳ онро комилан фаромӯш накун.

*Жак Преверт.*

Агар шумо хушбахт шудан хоҳед, дар назди худ мақсаде гузоред, ки фикрҳои шуморо равона кунад, қувватии шуморо раҳо кунад ва умедҳои шуморо илҳом бахшад.

*Эндрю Карнеги.*

Зиндагӣ ин сафар аст ва агар ба сафар ошиқ шавӣ, ҳамеша ошиқ хоҳӣ буд.

*Питер Ҳагерти.*

Родмардон
Муассис:
Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Оғози нашр:
25 январи соли 2006

**Ҳайати таҳрир:**
Сардори шуъбаи иттилоот ва робита бо ҷомеа полковники гвардия Хайринисо Комилзода, Неъматуллои Холиқ, Илоҳиҷон Насриддинзода, Саодат Сатторова - хабарнигорон.

**Мушовирон:**
Фармондеҳи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон генерал-лейтенанти гвардия Бобоҷон Ҷамолзода, раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон Раҳмонзода Абдулло Қурбоналӣ, муовини раиси Ҳаракати ҷамъиятии ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон Рудобаи Мукаррам.

Идораи моҳнома ба андешаҳои муаллифони маводҳо на ҳама вақт ҷонибдор аст. Масъулияти саҳеҳии санаду иқтибосҳо ба зиммаи муаллифон аст. Маводҳо аз АМИТ «Ховар» истифода шуданд.

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 706 аз 20 январи соли 2006 ба қайд гирифта шудааст.

**Дизайн: А. Насриддинов**

**Суратгир: М. Шоев**

Адади нашр: 500 нусха